# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Дар забоншиносии тоҷик дар хусуси омӯхтани гузаштаву имрӯзаи бисёр категорияҳои грамматикӣ аз тарафи муҳаққиқон корҳои илмии муфиду мубрам анҷом дода шудааст, вале, бо вуҷуди ин, боз як қатор масъалаҳое вуҷуд доранд, ки ҳаллу фасл кардани онҳо барои бештар комил шудани тасаввури хонанда аз гузаштаву ҳозираи бархе аз унсурҳои сарфиву наҳвӣ мусоидат хоҳад кард. Яке аз чунин масоил ба таври муқоисавӣ-таърихӣ ба риштаи таҳлил кашидани доираи вазифаи унсурҳои ёридиҳандаи нутқ аст.

Аз ин ҷиҳат таҳқиқоти анҷомдодаи Курғанов Зохид Дехканович ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мутобиқ буда, он ба муқоисаи гузаштаи беш аз дунимҳазорсолаи унсурҳои ёвари сервазифа бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ дар он ифода меёбад, ки ӯ кӯшидааст, ки дар муддати дувуним ҳазор сол раванди аз камвазифагӣ ба сервазифагӣ ва дар давраи имрӯза такроран ба маҳдудвазифагӣ майл намудани унсурҳои ёвари нуткро нишон дода, ба ин восита таҳаввулотро дар корбурди чунин захираҳои грамматикии забон ошкор кунад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи дар чанд вазифа ба кор рафтани унсурҳои ёридиҳандаи нутқ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст ба таври комплексӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, роҳи ноҳамвор ва мураккабро тай кардани ин гурӯҳи калимаҳо муайян карда шудааст. Дигар ин ки ба туфайли анҷом додани чунин пажуҳиш унвонҷӯ забону услуби ҳар кадом адибро дар хусуси истифодаи калимаҳои ёвар бо зикри мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Кори илмии анҷомдодаи унвонҷӯ Курғанов Зохид Дехканович дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум аз рӯйи муаммои «Масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик: вижагиҳои маъноиву сохтории забони осори аҳли адаби тоҷик» сурат гирифтааст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи** мазкур дар он ифода меёбад, ки унвонҷӯ бо истифода аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ ҳар як нуктаи баррасишавандаро бо далелҳои фаровон аз осори ниёгону муосирон собит кардааст, бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ ва дар натиҷаи қиёсу муқобала дараҷаи аз асли бостонӣ дур рафтан / нарафтани дастаи калони унсурҳои ёварро ошкор намудааст.

**Хулоса ва тавсияҳои** аз таҳлил бардоштаи диссертант инъикоскунандаи мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, дар асоси онҳо метавон фарҳангномаҳои тафсирӣ, унсурҳои ёвари сервазифа, китобу дастурҳои таълимӣ роҷеъ ба сарфу наҳви муосиру таърихӣ таълиф намуд.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсияи** тақризшаванда аз он иборат аст, ки бардоштҳои унвонҷӯ метавонад барои тақвияти ҷанбаи назариявии морфологияи таърихиву муосир мусоидат намуда, ҳамчунин барои ошкор шудани гиреҳи муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта кумак расонад.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар он аст, ки аз маводи дар диссертатсия дарҷгардида ва таҳлилҳои диссертант муҳаққиқон метавонанд дар ҷараёни таълифи осори илмиву таълимӣ, таҳияи фарҳангномаҳои тафсирӣ баҳрабардорӣ намоянд, доир ба сарфу наҳви забони тоҷикӣ барномаву дастурҳои таълимӣ таълиф кунанд ва барои донишҷӯёни факултаҳои филологии мактабҳои олӣ тадриси фанҳои интихобиро аз морфологияи таърихиву муосир ба роҳ монанд.

Сохтори диссертатсия мутобиқ ба талаботи таълифи рисолаҳои зинаи докторӣ тарҳрезӣ шуда, аз бахшҳои муқаддима, бобу фаслҳои назариявию амалӣ (панҷ боб), хулоса, феҳристи сарчашмаву осори таҳқиқӣ мураттаб

гардида, аз он дарак медиҳад, ки муаллиф дар ҷараёни таълифи пажуҳишаш аз осори фаровони илмиву адабӣ суд ҷустааст.

Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович, чунонки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии мавриди истифода қароргирифта иборат аст.

Дар қисмати **муқаддима** ва тавсифи умумии таҳқиқ (саҳ. 7-21) аз хусуси мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхташавии он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Ниҳоят, онҳо ба талаботи пешниҳодкардаи КОА, ки нисбат ба диссертатсияҳои риштаи илмҳои филологӣ дарҷ ёфтааст, риоя шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** «Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ» (саҳ.22-61) ном дошта, дар се фасли ин боб унвонҷӯ пажуҳишҳои муҳаққиқонро дар хусуси калимаҳои ёвар мавриди таҳлил қарор додааст ва дар ҷараёни баррасии онҳо диққати асосиро ба он равона кардааст, ки дар чунин осори таҳқиқӣ то кадом андоза масъалаи сервазифагии калимаҳои ёвар таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб намудааст. Ин аст, ки дар фасли нахуст дараҷаи омӯхта шудани пешояндҳоро аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашида, онҳоро аз рӯйи хусусияташон ба панҷ қисм: 1) Осори таҳқиқии ба вазифаи асосии пешояндҳо равонагардида; 2) Осори таҳқиқии марбут ба доираи маъноии пешояндҳо; 3) Осори таҳқиқии ифшокунандаи вазифаҳои мухталифи грамматикии пешояндҳо; 4) Осори таҳқиқии ба хусусияти муродифӣ зоҳир кардани пешояндҳо; 5) Осори таҳқиқии ба қабатҳои мухталифи услубӣ тааллуқ доштани пешояндҳо ҷудо намудааст ва ба ин восита нишон додан хостааст, ки кадоме аз муҳаққиқон ба сервазифагии унсурҳои ёвар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Ҳамин усули таҳқиқро Курғанов З.Д. дар дар фасли дуюм, ки ба пайвандакҳо бахшида шудааст, риоя намуда онҳоро ба чор даста: 1) Осори илмие, ки дар онҳо хусусиятҳои умда ва танҳо як вазифаи пайвандакҳо ба риштаи таҳлил кашида шудаанд; 2) Осори таҳқиқие, ки дар онҳо дар як ё чанд вазифа ба кор рафтани пайвандакҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст; 3) Осори таҳқиқии ба корбурди ин ё он пайвандак дар чанд навъи ҷумлаи мураккаби тобеъ бахшидашуда; 4) Осори таҳқиқии ба муродифгардии пайвандакҳо бахшидашуда дастабандӣ кардааст.

Фасли охири ин боб омӯзиши ҳиссачаҳоро дар бар гирифта, бурду бохти аҳли таҳқиқ дар масъалаи ошкор кардани доираи вазифаи ин навъи калимаҳо муайян карда шудааст.

**Боби дуюм** – «Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна» (саҳ. 62-122) – дар ду фасл тарҳрезӣ шуда, дар фасли аввал истифодаи пешояндҳо ва дар фасли дуюм корбурди пайвандакҳо ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Аз муқоисаи чунин калимаҳо дар ду даврон: бостон ва миёна унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки онҳо аз рӯйи хусусияти истифода аз чанд ҷиҳат фарқ доранд: 1) пешояндҳо дар давраи қадим аз рӯйи бо кадом шакли падежии калимаҳо омаданашон ба ду гурӯҳ чудо мешуданд: 1) бо яке аз шаклҳои падежӣ меомаданд; 2) бо чанд шакли падежӣ ба кор мерафтанд.

Диссертант қайд кардааст, ки дар давраи миёна бо сабаби аз байн рафтани падежҳо пешояндҳо аз хусусияти номбурда маҳрум шуданд ва матрукгардии падежҳо боиси аз ҳисоби ҳиссаҳои номӣ, ба хусус ҷонишину зарфҳо зиёд гардидани микдори пешояндҳои номӣ ва таркибии номӣ гардид. Қиёси корбурди пешояндҳо ба унвонҷӯ имкон додааст, то муайян кунад, ки ин гурӯҳи калимаҳо дар ду даврон: бостон ва миёна боз аз ҷиҳати мавқеи истифода фарқ доранд, яъне агар дар давраи қадим онҳо дар ду мавқеъ: пеш ва пас аз калимаҳо оянд, пас дар давраи миёна дар се мавқеъ: ҳамеша пеш аз калимаи ҳамроҳи худ ба кор рафтанашон; доимо пас аз онҳо истифода шуданашон; ҳам пеш ва ҳам баъд аз калимаи ҳамроҳашон ба кор мерафтанд.

Аз қиёс муаллифи диссертатсия ба хулосае омадааст, ки дар давраи миёна пешояндҳо ба сервазифагӣ майл карда, чунин ҳолат ба пайдо шудани эҳтиёҷ ба пешояндҳои зиёд вобаста аст.

Ҳамин низоми таҳлил дар фасли дуюми ин боб пеш гирифта шуда, унвонҷӯ мавҷуд будани ду навъи пайвандакҳоро дар ҳар ду давра (пайвасткунанда ва тобеъкунанда), мухталифии доираи вазифаи навъи аввали онҳо, ноҳамгун будани доираи вазифаи пайвандакҳои пайвасткунанда дар давраи миёна, эҷоди давраи миёна будани аксари пайвандакҳои давраи миёна ва монанди инҳо мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар панҷ фаслу ҳафт зерфасли **боби сеюми диссертатсия**, ки «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» (саҳ.123-192) номида шудааст, дар осори садаҳои X-XIII дар вазифаи ҳамдигар истифода шудани пешояндҳои аслии сода монанди аз / зи, ба / бад, абар / бар, або / бо, андар / дар; ба вазифаи ҳиссаҳои дигари ёридиҳанда ба кор рафтани пешояндҳо (мисли ба вазифаи пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда), хусусиятҳои корбурди пешояндҳои номии изофӣ ва таркибии номии изофӣ (мисли бари, бози, пайи, аз пайи, ба кирдори...), дар вазифаи пешояндҳо ва бандаки изофӣ истифода шудани пасоянди –ро ва ғайраҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда, сабабҳои дар чунин вазифаҳо истифода гардидани ҳар як пешоянду пасоянд бо овардани далели қотеъ баррасӣ шудааст ва дар давраи муосир маҳдудгардӣ ё комилан дар ин гуна вазифаҳо мустаъмал нашудани онҳо зикр гардидааст.

Дар ин фасли диссертатсия таваҷҷуҳро инчунин доираи вазифаи пешояндҳои таркибии дугона, мавқеи истифодаи онҳо, баҳамоии онҳо бо калимаҳои гуногун ва ба вуҷуд омадани таркибҳои мухталиф ба худ мекашанд.

Дар **боби 4-уми диссертатсия** – «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» (саҳ. 193-259) – Курғанов Зохид дар назди худ вазифа гузоштааст, ки дар се фаслу ёздаҳ зерфасл истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳои пайвасткунанда (ва, -у / -

ю, аммо...)-ву тобеъкунанда (ки, агар, чу, то...)-ро дар осори садаҳои X-XIII аз назар гузаронида, чун боби пештара сабабҳои дар даврони муосир аз чанде чунин вазифаҳо маҳрум шудани онҳоро ошкор намояд. Қиёси микдор ва вазифаи чунин калимаҳои ёридиҳанда дар даврони асримиёнагӣ ва муосир ба унвонҷӯ имкон додааст, то хулоса кунад, ки агарчи дар теъдод онҳо аз ҳамдигар тафовуте надоранд, аммо аз ҷиҳати доираи вазифа гузаштаи онҳо аз ҳозира имтиёз доранд.

Дар заминаи маводи фаровон унвонҷӯ нишон додааст, ки хусусияти муҳимми пайвандакҳо дар асрҳои X-XIII бар ивази якдигар ба кор рафтанашон аст (ҳатто пайвандакҳои пайвасткунанда ба ҷойи тобеъкунанда ва баръакс).

Ҳадафи муаллифи диссертатсия дар чор фасли **боби 5-ум** – «Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» (саҳ. 260-302) – баррасӣ намудани баъзе ҳодисаҳои забониест, ки дар матни осори ин даврон ва замони муосир рӯй додааст. Дар фаслҳои ин боб унвонҷӯ диққаташро ба ҳазфи ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, дар вазифаи унсурҳои меҳварии ҳиссаҳои ёвари нутқ ба кор рафтани соматизмҳо, бидуни фосила ё дар фосилаи муайян ба кор рафтани қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ва робита доштани унсурҳои ёридиҳандаи сервазифа бо гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикист.

Дар чунин фаслҳо андешаронии унвонҷӯ дар хусуси аввал дар шеър ва баъдан дар наср ривоҷ пайдо кардани ҳодисаи ҳазфи унсурҳои ёвар (монанди ба, дар, бар...), ба шакли пешоянд+калима+пешоянд ё пасоянд ба кор рафтани қолабҳои пешояндиву пасояндӣ, дар гӯйишҳои ҷанубиву шимолии муосир маҳфузмонии баъзе шакл ва вазифаи ин гуна калимаҳо қобили таваҷҷуҳ аст.

Унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқашро дар 29 банди **хулоса** зикр карда, истифодаи амалии онро дар шаш банд зикр намудааст.

Ҳамин тавр, Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи муҳимму мубрам таҳқиқот анҷом дода, як нуктаи мавҳумро дар грамматикаи таърихиву муосир ошкор кардааст, барои ба хулосаи аниқ омадан, осори зиёди мансури садаҳои X-XIII-ро мутолиа намудааст, онҳоро бо ҳамдигар ба

риштаи муқоиса кашидааст, нишон додааст, ки бархе унсурҳои ёвар ба чанд вазифа дар ҳама маъхазҳои асрҳои X-XIII истифода шудаанд, вале чанде аз онҳо танҳо дар як асар (монанди «Таърихи Байҳақӣ») ба кор рафтаанд. Бо пеш гирифтани чунин тарзи таҳлил унвонҷӯ қаламрави густариши ин гуна унсурҳои ёридиҳандаро дар як ё чанд минтақа муайян кардан хостааст. Унвонҷӯ бо мақсади ошкорнамоии дараҷаи робитаи корбурди унсурҳои ёвари сервазифа дар қарнҳои X-XIII ва замони муосир онҳоро ба маводи аз осори адибони имрӯза гирдовардааш муқоиса кардааст ва ба ин хулоса омадааст, ки ин гурӯҳи калимаҳо дар давраи ҳозира аз аксар вазифаи худ маҳрум шудаанд. Маҳз бо ҳамин сабаб баъзан дарки маънои матн аз ҷониби хонанда душвор гардидааст.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи пажуҳишаш 34 мақоларо ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 17 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп шудаанд ва дар онҳо нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсия комилан инъикос ёфтаанд.

Курғанов Зохид доир ба мавзуи диссертатсия дар 6 Ҳамоиши сатҳи байналмилалӣ (Ереван, Ҳиндустон, Душанбе, Хуҷанд) ва 5 конфронси сатҳи ҷумҳуриявӣ (Душанбе, Хуҷанд) маъруза кардааст.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои илмии банашррасонидаи Курғанов Зохид Дехканович ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муаллифи диссертатсия барои анҷом додани пажуҳиши мазкур заҳмати зиёд кашидааст, осори бисёри илмиро ба забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ мутолиа намудааст, мазмуну муҳтавои онҳоро бо ҳамдигар қиёс карда, бурду бохташонро нишон додааст ва дар мавридҳои зарурӣ бо онҳо ба баҳс ворид шудааст.

Диссертатсия бо забони хуби илмӣ, содаву фаҳмо иншо гардидааст, вале дар радифи муваффақиятҳои зиёд дар рисола бархе нуқсонҳо ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқоти ояндаи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рисола баъзе калимаҳои ғайримаъмул ба мисли «**забт** кардааст / ҳини **забти** маъно» (саҳ. 30, 35); **матрук** гардидааст / ... ба қатори калимаҳои **матрук**... (саҳ. 65, 148) ва ғ. истифода шудаанд.

2. Унвонҷӯ дар боби дувуми рисолааш, дар баъзе мавриид, ба таҳлили назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ пардохтааст, ҳол он ки диссертант метавонист ба сарчашмаҳои тоҷикӣ низ руҷуъ кунад (саҳ. 75).

3. Дар баъзе мавриид ду навъи истилоҳот ба мисли «падеж» ва дар ҷойи дигар «ҳолат» истифода шудааст. Ба назари мо, корбурди ягонаи айни як истилоҳ дар рисола беҳтар буд (саҳ. 62, 110).

4. Дар диссертатсия (с.219, 301) ва гунаи тоҷикиву русии автореферати он (саҳ. 7, 35) баъзан ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба арзиши умумии диссертатсия таъсир намекунанд ва дар оянда-ҳангоми нашри монография ба эътибор гирифтани онҳо боиси афзун шудани ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии аз рӯйи мавзуи диссертатсия интишоргардида ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор аст.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ**:
Доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забонҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи
Саидмуъмин Раҳимов Шафоатов Азал Нусратович
«01» майи соли 2024-ум

Суроға: 735020, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, ҷамоати Мирзо Ризо, ҳавлии 85.
Тел.: (98) 507-44-19
E-mail: toj-sport@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ Шафоатов Азал Нусратовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи Саидмуъмин Раҳимов Шерализода Заробиддин Шералӣ
«01» майи соли 2024-ум

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Лучоб, 53.
Телефон: (+992-37) 224-73-77; факс: 224-56-87.
Сомонаи муассиса: www.dtjt.tj
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru